“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
________________ Хушвахтзода Қ. Х.
«__26__» ______сентябри______ соли 2023

**ХУЛОСАИ**
**кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Нуриддин Парвин Раймалихон дар мавзуи «Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия П.Р. Нуриддин ба ҳайси докторанти кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

П.Р. Нуриддин соли 2012 факултети идораи давлатӣ ва маҳаллии Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россияро аз рӯйи ихтисоси идораи давлатӣ ва маҳаллӣ хатм кардааст (18 июни соли 2012, Диплом КВ № 86279).

Солҳои 2013–2015 унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналхалкии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Соли 2015 дар мавзуи «Трансформатсияи ҳизбҳои сиёсӣ ва низоми ҳизбии Афғонистон (таҳлили сиёсӣ)» диссертатсияи номзадиро аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ гардид (20 апрели соли 2016, № 479/нк-3, КНД № 019525).

Мавзуи диссертатсияи докторӣ дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10-уми сентябри соли 2018, таҳти протоколи № 2 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи № 2 аз 22-уми сентябри соли 2018) зери унвони «Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 60050200 – Сиёсатшиносӣ, 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд.

Мушовири илмӣ – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зокиров Гулмаҳмад Нозимович мебошад.

Таҳқиқоти анҷомёфта аҳамияти муҳим дошта, амалисозии муваффақонаи сиёсати давлатии кадрҳо ба муассирияти идоракунии сиёсии ҳокимият бевосита таъсир мерасонад. Бинобар ин, аз дидгоҳи назариявӣ тарҳрезии чунин сиёсати давлатии кадрҳо зарур аст, ки баланд бардоштани самаранокии идоракунии ҷомеаи Тоҷикистонро таъмин намуда, ҳамчунин ба рушди он таъсири мусбат расонад. Ин бидуни шак, эътимоди дутарафа байни ҳокимият ва шаҳрвандонро, ки рушди ҷомеа ва ташаббускории ҳар як шахсро, чун иштирокчии раванди идоракунии иҷтимоию сиёсӣ таъмин менамояд, тақвият мебахшад. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти мазкур аз ҷониби дигар дар он ифода меёбад, ки зарурати таҳияи чунин сиёсати давлатии кадрҳо, ки бо мақоми нави сиёсии давлат, фарҳанги сиёсӣ ва миллии ташаккулёфтаи шаҳрвандони он муносиб ва мувофиқ бошад, ба баланд бардоштани муассирияти ҳокимияти сиёсии давлати Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи муосири демократӣ мусоидат намояд.

Мақсади таҳқиқотро муаллиф дар муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои сиёсати кадрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавассути он таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини инкишофи босуботи ҷомеа нишон додааст.

Барои расидан ба мақсадҳои гузоштошуда муаллифи диссертатсия вазифагузорӣ намуда, омӯзишу коркарди заминаҳо, муайян кардани захираҳо ва муқаррар кардани асосҳои методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо вобаста ба марҳалаҳои гуногуни инкишофи донишҳои сиёсӣ ва дар ин замина баррасӣ ва таҳлил намудани мафҳумҳои сиёсат, давлат ва кадрҳо ҳамчун падидаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати ошкор сохтани ҷанбаҳои назариявӣ, тазодҳо ва алоқамандии байни онҳо, муқаррар ва муайян кардани фаҳмиши шаклии сиёсати давлатии кадрҳо, таҳқиқу баррасӣ намудани роҳҳои дарки моҳиятии мавзуи баррасишаванда, омӯзиш ва коркарди марҳалаҳои асосии пайдоиш, таҳлили раванди ташаккул ва натиҷагириҳои назарияи сиёсати давлатии кадрҳо, таҳқиқу таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавоноӣ ғарбӣ, таҳия ва татбиқи омӯзиши таҷрибаи онҳо бо мақсади дарки муассирияти сиёсати кадрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа, таҳлили асосҳои меъёрии ташаккули сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасӣ намудани фаъолияти ниҳодҳои дахлдори давлатӣ перомуни мутобиқсозии онҳо бо меъёрҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи мазкур, омӯзиши Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар намудани хусусиятҳои асосии он, муайян намудани роҳу воситаҳои такмили он дар доираи манфиатҳои миллӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои дурнамоии давлат,

мавриди баррасӣ қарор додани низоми амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи ислоҳоти хизмати давлатӣ ва дастгоҳи идоракунӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ, тавсифи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи омӯзиши қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, истифодаи мақсадноки захираҳои меҳнатӣ, рушди низоми ояндабинии давлатӣ, таҳлили барномаҳои давлатӣ, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи мазкур, муайян ва мушаххас намудани мушкилиҳо, таҳқиқи монеаҳо ва таҳлил намудани пешомади сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дарёфти роҳҳои такмили пояҳои сиёсӣ, меъёрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқии фаъолияти кадрӣ, пешниҳод намудани тавсияҳо ҷиҳати амали намудани ислоҳот дар соҳаи мазкур бо мақсади баланд бардоштани муассирияти сиёсати давлатии кадрҳо, беҳтар намудани сатҳу сифати идораи давлатӣ ва бартараф кардани камбуду норасоиҳои соҳаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро муҳим арзёбӣ намудааст.

Мавзуи таҳқиқшаванда ташаккул ва инкишофи сиёсати кадрӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳимми ҳалли масъалаҳо ва таъмини рушди босуботи ҷомеа мебошад.

Дар раванди таҳқиқот муаллифи диссертатсия назарияи таҳқиқоти маҷмӯии созмондиҳӣ ва идоракунӣ, назария ва фарзияҳои бунёдӣ, назарияи ҳокимият, методҳои таҳлили диалектикию сохторӣ ва вазифавиро истифода бурдааст. Ҳамзамон муносибати методологӣ дар доираи методҳои зерин ба амал баровaрда шудааст: системавию сохторӣ, таҳлили таркибию функсионалӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки дар он раванди ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар доираи таҳқиқот асосҳои методологӣ, назариявӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии сиёсати давлатии кадрҳо таҳлил гардиданд. Бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ҷанбаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, воситаҳои амалӣ намудани сиёсати давлатии кадрҳо, самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз шаклбандӣ намудани усулҳои сиёсӣ ва маъмурии масъалаи таҳқиқи сиёсати давлатии кадрҳо, таҳлили намунаҳои кор бо кадрҳо баъд аз пошхӯрии Иттифоқи Советӣ чун падидаи барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нави иҷтимоию сиёсӣ, муқоисаи намунаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ иборат мебошад. Инчунин аҳамияти назариявии таҳқиқот иборат аз ворид намудани мафҳумҳои «вазифаҳои сиёсии сиёсати давлатии кадрҳо», «амнияти кадрии давлат», «технологияи иттилоотии идоракунии равандҳои кадрӣ», «қонунӣ будани сиёсати давлатии кадрҳо» ба илм мебошад, ки назарияи сиёсати давлатии кадрҳоро ғанӣ сохтаанд. Ҳамзамон маводи таҳқиқот метавонад барои таҳия

намудани курси махсус вобаста ба омӯзиши идоракуни давлатӣ ва маҳаллӣ, сиёсати давлатии кадрҳо, элитология, асосҳои назариявии сиёсати давлатии кадрҳо, идоракунии кормандони хизмати давлатӣ ва сотсиологияи идоракунӣ ба таври васеъ истифода намуд.

Дар баробари аҳамияти муҳимми назариявӣ, ҳамзамон натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ аҳамияти амалӣ дошта, таҳқиқот аз ҷанбаи маҷмӯӣ ва самтгирии амалии он, танзими вазифаҳои вобаста ба татбиқи сиёсати кадрӣ, боло бардоштани сатҳи идоракунии давлатӣ, беҳтар намудани малакаи роҳбарии кормандони сатҳи гуногуни идоракунии сиёсӣ, такмили соҳаҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, худидоракунии маҳаллӣ, мулкӣ ва меҳнатӣ бармеояд. Инчунин аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо ба дарки амиқи зуҳуроти мушаххаси қонунмандиҳои умумӣ ва самтҳои фаъолияти дастгоҳи сиёсати давлатии кадрҳо таъсири мусбат мерасонанд. Онҳо метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳангоми ташаккули консепсияи соҳавии сиёсати кадрӣ истифода бурда шаванд.

Муаллифи диссертатсия аҳамияти интихоби мавзуи таҳқиқотро, яъне зарурати таҳияи чунин сиёсати давлатии кадрҳо, ки бо мақоми нави сиёсии давлат, фарҳанги сиёсӣ ва миллии ташаккулёфтаи шаҳрвандони он муносиб ва мувофиқ бошад, ба баланд бардоштани муассирияти ҳокимияти сиёсии давлати Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи муосири демократӣ мусоидат намояд нишон додааст. Диссертатсияи мазкур, ки довталаб барои ҳимоя пешниҳод кардааст, аз муқаддима, чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт иборат аст ва дар илми ватанӣ яке аз аввалин таҳқиқоте, ки дар он кушиши таҳлили ҷанбаҳои гуногуни сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст.

Диссертатсияи П.Р. Нуриддин фарогири мавзуъҳои васеи марбут ба сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон сиёсати давлатии кадрҳо дар Иттифоқи Советӣ ва давлатҳои тавонои ғарбӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ ва таҳлилӣ қарор гирифтааст. Қисми аввали диссертатсияи П.Р. Нуриддин ба таҳлили назариявию методологии таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо бахшида шудааст. Дар ин қисми таҳқиқот муаллифи диссертатсия ба маврид дарҷ менамояд, ки омӯзиши амиқтари самтҳои асосии иҷтимоии таҳаввулоти кадрҳои мақомоти ҳокимияти тамоми зинаҳо зарур аст. Сиёсати давлатии кадрҳои муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бар заминаи ҳуқуқӣ такмил ёфта, усулҳои демократӣ ва нуктаҳои муосири илм дар бораи ҷомеаро ба эътибор гирифта, сатҳи маълумотнокӣ, шуғл ва бекорӣ, хусусиятҳои рушди фарҳангию таърихӣ ва демографӣ, ҳамчунин дигар омилҳоро ба назар мегирад. Ба ибораи дигар, илман асоснок бошад ва таърихан ҷанбаи мушаххас, нақшавӣ ваояндадор дошта бошад.

П.Р. Нуриддин муаллифи зиёда аз 50 корҳои илмӣ ва таълимӣ-методии нашрнамуда мебошад, ки аз ин шумора 26 адад дар мавзуи кори диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда барои дарёфти дараҷаи доктори илм нашр гардиданд. Муҳимтарини онҳо:

1. Нуриддин, П.Р. Баъзе хусусиятҳои Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 11. – С. 270-278. ISSN 2413-5151
2. Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ [Матн] / П.Р. Нуриддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 12. – С. 267-273. ISSN 2413-5151
3. Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, монеаҳо ва пешомади инкишофи он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 5. – С. 272-283. ISSN 2413-5151
4. Нуриддин, П.Р. Ташаккули сиёсати давлатии кадрҳо дар Аврупо ва Амрико // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – № 4/1 (53). – С. 189-199. ISSN 2664-0651
5. Нуриддин, П.Р. Марҳалаҳои пайдоиш ва ташаккули назарияи сиёсати давлатии кадрҳо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 6. – С. 283-293. ISSN 2413-5151
6. Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатӣ оид ба кадрҳо дар кишварҳои хориҷӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – № 1 (73), 2021. – С. 35-49. ISSN 2075-9584
7. Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити Истиқлоли давлатӣ // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – № 1 (50). – С. 223-232. ISSN 2664-0651
8. Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрӣ дар давраи советӣ // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 4/2 (49). – С. 261–272. ISSN 2664-0651
9. Нуриддин, П.Р. Сиёсати давлатии кадрҳо чун падидаи иҷтимоӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 10. Қисми I. – С. 292–300. ISSN 2413-5151
10. Нуриддин, П.Р. Таҳқиқоти сиёсати давлатии кадрҳо дар сиёсатшиносии муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 9. – С. 382–389. ISSN 2413-5151
11. Нуриддин, П.Р. Развитие молодежи через внедрение проектного управления и создание экосистемы для формирования квалифицированных кадров [Текст] / П.Р. Нуриддин // Государственная молодежная политика: практики и стратегии: Международная научно-практическая конференция (г.Новосибирск, Российская Федерация, 2-3 июня 2022 г.). – Новосибирск, СИУ РАНХиГС при Президенте Российской Федерации. – С. 72-81.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди истеҳсолот, яъне ҳангоми таҳияи сиёсати кадрӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ин бора санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ – Санад дар бораи

истифодаи натиҷаҳои Корҳои илмию таҳқиқотӣ (КИТ) дар раванди таълим аз таърихи 23-юми июни соли 2023 ва маълумотнома оид ба татбиқи корҳои илмии унвонҷӯ аз таърихи 6-уми сентябри соли 2023 мавҷуданд ва замима мегарданд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот назаррас аст. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом дода шудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқот, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳодҳои мушаххас ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Диссертатсияи П.Р. Нуриддин дар мавзуи «Ташаккул ва такмили сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта мебошад. Таҳқиқоти мазкур тамоми хусусиятҳои диссертатсияи докториро дар худ фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии П.Р. Нуриддин барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар маҷлиси кафедра 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар; «муқобил» – нест; «бетараф» – нест. Протоколи № 2-и маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 13-уми сентябри соли 2023.

| | | |
|---|---|---|
| Доктори илмҳои сиёсӣ | /_____________/ | Қурбонова З.М. |
| Раиси маҷлис,<br>мудири кафедраи сиёсатшиносӣ,<br>доктори илмҳои сиёсӣ | /_____________/ | Муродова Н.С. |
| Котиби маҷлис,<br>номзади илмҳои сиёсӣ | /_____________/ | Исаев У.У |

Имзоҳои З.М. Қурбонова, Н.С. Муродова
ва У.У. Исаевро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.